# 5660 - Азону иқомат барои мунфарид (танҳогузор)

## савол

Агар танҳо намоз бихонӣ, азону иқомат мегӯӣ?

Ман чанд вақт пеш Исломро қабул кардам ва китобҳоеро дар мавзӯи намоз хондам, вале он китобҳо дар ин бора чизе намегӯянд.

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Азону иқомат барои мунфарид (танҳогузор) мустаҳаб мебошад, зеро маънои умумии далелҳо бар он далолат мекунад.

Шайх Мансур Ал-Баҳутӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: Азону иқомат барои мунфарид (танҳогузор) суннат мебошад, зеро Уқба ибни Омир ҳадиси марфуъеро ривоят кардааст: (Расулуллоҳ мефармояд:) **«Парвардигорат аз ин кирдори чӯпони гӯсфанд тааҷҷуб мекунад, ки ӯ дар болои кӯҳ барои намоз азон мехонад ва намоз мегузорад. Аллоҳ таъоло мегӯяд: Ин бандаамро бубинед, азон мехонад ва намозро барпо менамояд, аз Ман метарсад. Ба шумо гувоҳӣ медиҳам, ки Ман гуноҳони бандаамро мағфират кардам ва ӯро вориди биҳишт менамоям».** Ривояти Насоӣ.

Азону иқомат дар сафар ҳам суннат мебошад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба Молик ибни Ҳувайрис ва ба писарамаки ӯ гуфт: **«Ҳар гоҳ ҳардуятон сафар кунед, азону иқомат бихонед ва бузургсолтарини шумо имоматӣ бикунад».** Муттафақун алайҳ (ривояти Бухорӣ ва Муслим). . .

"Матолибу ули-н-нуҳо" Ҷилди 1, боби азон.

Барои ӯ тарк кардани азону иқомат макруҳ аст. Шофеӣ (раҳмати Аллоҳ таъоло бар ӯ бод) гуфтааст:

Агар марде азону иқоматро дар ҳоли танҳогузорӣ ва ё дар ҷамоат тарк кунад, ман онро макруҳ медонам, вале намозҳоеро, ки бе азону иқомат хондааст, дубора намехонад.